**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-069-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ оид ба диссертатсияи Салҷуқӣ Муҳаммад Қосим дар мавзуи «Таҳқиқи қиёсии ҷанбаҳои ҳунарӣ ва иҷтимоӣ дар ашъори Лоиқ Шералӣ ва Латиф Нозимӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ**

Диссертатсияи Салҷуқӣ Муҳаммад Қосим ба пажуҳиши масъалаҳои таҳқиқи қиёсии ҷанбаҳои ҳунарӣ ва иҷтимоӣ дар ашъори Лоиқ Шералӣ ва Латиф Нозимӣ бахшида шудааст, ки фарогири ҷанбаҳои рӯзгору осори шоирон, мундариҷаи ашъор, ҳунари онҳо дар маъниофаринӣ, тасвирсозӣ, истифодаи унсурҳои мунозира, баёни афкори адабӣ, оҳангҳои иҷтимоӣ, ҷойгоҳи табиат, истифодаи санъатҳои шеърӣ ва сабку забони баёни ҳарду шоир аст, ки ин масъалаҳо ба таври муқоиса таҳқиқ ва баррасӣ гардидаанд.

Дар диссертатсияи Салҷуқӣ М.Қ. бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик дар асоси таҳлили маводи муътамади мавҷуда масъалаҳои таҳлили ашъори ҳарду шоир аз назарҳои мухталифи иҷтимоӣ, ҳунариву фарҳангӣ, таҳқиқи сабки шеърии ҳарду шоир аз дидгоҳи сабкшиносона, таъсирпазирии шоирон аз ҷомеае, ки дар он зистаанд, муқоисаи санъатҳои бадеӣ дар ашъори Лоиқ Шералӣ ва Латиф Нозимӣ, тафовутҳои тасвир, баён, маонӣ ва санъатҳои бадеӣ дар ашъори ҳарду шоир, пайванд ва бозтоби он бо шеъри муосири форсии дарии тоҷикӣ дар ҳавзаи тамаддунии форсизабонон аз дидгоҳи қиёсӣ иҷро шуда, ки то ба ҳол чунин коре аз тарафи кадом нафаре анҷом нашудааст. Ин ва дигар масъалаҳои ба таҳқиқ фаро гирифта шуда ба таври мушаххас матраҳ гардидаанд, ки аз бозёфтҳои муҳимми диссертатсия ба шумор меравад.

Маводи диссертатсия ва хулосаҳои илмию пажуҳишии диссертантро метавон ҳангоми навиштани таърихи адабиёти муосири тоҷикӣ, форсӣ ва дарӣ алалхусус адабиёти нимаи дуюми асри XX ва ибтидои садаи XXI, нақши Лоиқ Шералӣ ва Латиф Нозимӣ дар инкишофу таҳаввули адабиёти ин давраҳо истифода кард, ки барои донишҷӯёну аспирантон, омӯзгорони ҷавон аз манфиат холӣ нест.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва сохтори ягонаидохилӣ мебошад. Хулоса ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.01.04 –Таърихи адабиёт, равобити адабӣ мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои диссертант дар 4 мақола, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Мақолаҳои илмии нашршудаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Салҷуқӣ Муҳаммад Қосим истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудааст. Муҳокимаю баррасӣ ва хулосабарориҳои довталаб дар сатҳи баланди илмӣ қарор доранд. Хулосаҳо ва натиҷагириҳои диссертант илмӣ буда, ба талабот оид ба барасмиятдарории

диссертатсия ва автореферати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, арзишҳои амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Салҷуқӣ Муҳаммад Қосим дар мавзуи **«Таҳқиқи қиёсии ҷанбаҳои ҳунарӣ ва иҷтимоӣ дар ашъори Лоиқ Шералӣ ва Латиф Нозимӣ»** кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Салҷуқӣ Муҳаммад Қосим дар мавзуи **«Таҳқиқи қиёсии ҷанбаҳои ҳунарӣ ва иҷтимоӣ дар ашъори Лоиқ Шералӣ ва Латиф Нозимӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-069-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.01.04 –Таърихи адабиёт, равобити адабӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Сироҷиддини Эмомалӣ** – доктори илмҳои филологӣ, декани факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
- **Беҳрӯзи Забеҳулло Саидхоҷа** – номзади илмҳои филологӣ, мудири шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Худойдодов А.О.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Шозиёева Г.П.

доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Рустамова Г.Р.

«03» 06 соли 2024